## Такризи

**ба рисолаи илмии Мирзоев Эраҷ Музаффарович дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Мирзоев Эраҷ Музаффарович ба яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ мансуб буда, дар он вижагиҳои корбурди воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва  баррасӣ мегардад.

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба масъалаҳои мавриди таҳқиқ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ҷой доранд, комилан мувофиқат мекунанд.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки забони тоҷикӣ дорои воҳидҳои зиёди фразеологии феълӣ буда, роҳу усули бунёди онҳо, ки аз  дигар забонҳо фарқ мекунад.

Дар забоншиносии муосир воҳидҳои фразеологии феълии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ қисман дар рисолаву монографияҳо, дар таҳлилу баррасии низоми фразеологии забонҳои фавқуззикр мавриди назар қарор гирифтаанд, аммо таҳқиқи мукаммали он дар заминаи маводи фаровони забонӣ бо назардошти ҳамаи қабатҳои услубии таркиби фразеологии забонҳо ба роҳ монда нашудааст. Аз ҷумла, фразеологизмҳои феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои гуногуннизоми тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқи типологӣ қарор нагирифтаанд.

Навгонии илмии таҳқиқ аз он иборат аст, ки масъалаҳои назарӣ ва амалии воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат, навъ ва хусусиятҳои онҳо, шиносоӣ  воҳидҳои фразеологии феълӣ, истифодаи дурусти онҳо ва мукаммалтар кардани низоми тому яклухти тасаввурот дар бораи онҳо арзёбӣ шуда, мушаххасоти он муайян гардидааст. Кори таҳқиқотии мазкур дар забоншиносии муқоисавӣ таҷрибаи аввалин ба шумор меравад. Дар рисола ҳамзамон вижагиҳои истифодаи воҳидҳои фразеологии феълии дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва хусусиятҳои умумию фарқкунандаи онҳо ошкор карда шудаанд.

Дараҷаи эътимоднокии таҳқиқ мавриди назар ба дақиқ будани  маводди ғании назариявию амалии таҳлилу баррасишуда, бо нуктаҳои мушаххас, маводди гуногунҷанбаи таҳлилӣ дар мувофиқат бо сохтор, мақсаду вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқ нишон медиҳанд.

Сохтори диссертатсия вобаста ба мақсаду моҳияти мавзуи таҳқиқ таҳрезӣ шуда, аз муқаддима, се боб хулоса, адабиёти истифодашуда ва замима иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия чун анъана аз қабили муҳиммияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, навоварии таҳқиқ, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола, саҳми шахсии муҳақиқ, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳод шуда сохтор ва ҳаҷми рисола маълумот дода шудааст.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 6 мақолаи илмӣ вобаста ба мавзуи рисолаи илмӣ дар маводи конференсияҳо ва маҷаллаҳои илмӣ ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷалаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст. Дар мақолаҳои ба нашр расонида натиҷаҳои асосӣ, хулосаи таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтанд.

Дар баробари дастовардҳои назаррас диссертатсия аз нуқсону камбудиҳо низ ори нест, ба назари мо рафъи онҳо дар фаъолияти ояндаи илмии муаллиф аз манфиат холи нахоҳад буд.

Дар бархе аз саҳифаҳои рисола ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва грамматикӣ дида мешавад (саҳ. 16, 18, 21, 23, 45, 46, 56, 77, ...................).

Дар маҷмуъ, эроди ишорашуда арзиши назариву амалӣ ва илмии диссертатсиро коста намегардонанд, балки дар равиши интихоб намудаи таҳқиқ бартарӣ мебахшанд.

Дар умум, диссертатсияи Мирзоев Эраҷ Музаффарович дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи филологияи англисии
факултети забонҳои хориҷии
ДСРТ Саъдиева Гулистон Фатоевна
Суроға: 734025, ш.Душанбе,
Куч.М.Турсунзода, 30
Тел: 000222138
E-mail: guliston1973@mail.ru

Имзои Саъдиева Г.Ф.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои
ДСРТ Раҳимов Абдулҳамид Абдибосирович

«31» «05»2024сол.